**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

ТДУ 29+327
ТКБ 86+87 (2 тоҷик)
Х - 79

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ХОҶАЕВ ҲИКМАТУЛЛО ҲИММАТОВИЧ**

# ТУНДГАРОИИ ДИНӢ ВА ПАҲНШАВИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶОМЕА (ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН)

Ихтисос: 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ

ДУШАНБЕ – 2025

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омӯзиши маъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон**–доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи милии Тоҷикистон<br>**Назиров Назир Давлатхоҷаевич** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | Муасисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» |

Ҳимояи диссертатсия «18» апрели соли 2025, соати «10-00» дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______________ соли 2025 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Н.Н. Сангинов

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар раванди бошитоби ҷаҳоншавӣ, тағйир ёфтани харитаи сиёсии ҷаҳон ва пешрафти технологияи муосир қарни бистуякум ба яке аз проблемаҳои хеле мушкил ва хатарзой, ки ҷомеаи башариро ба истироб андохтааст, яъне тундгароии динӣ рӯ ба рӯ шудааст. Омӯзиш ва таҳлили роҳҳои поён овардани нуфуз ва нақши иртиҷоии ин падидаи номатлуб дар сатҳи сиёсати байналмилалӣ ва робитаҳои мутақобилаи мамлакатҳо мавқеи хос ва калидиро гирифтааст. Воқеан ин падидаи номатлуб ба зумраи ҷиддитарин таҳдидҳо ба фарҳанг ва тамаддуни башарият, инчунин арзишҳои муосири умумиинсонӣ буда, бештар аз ҳама ба сулҳу субот ва тараққиёти мусолиҳатомези ҷомеаи имрӯзаи сикуларӣ хатари ҷонкоҳ ворид месозад. Ин падидаи номатлуб маъмулан дар шакли амалҳои ифротии тахрибомези иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба амнияти давлат ва рушди босуботи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Тундгароии динӣ бо тахриби бевоситаи объектҳо ва арзишҳои анъанавӣ ва иҷтимоӣ, бо қатлу куштор ва террор, ки барои тундгароён шакли асосии татбиқи барномаи идеологии онҳо мебошад, алоқаманд аст. Таъсири идеологияи он боиси таҳрифи ҷаҳонбинии инсон ва ҷомеа, инчунин нуқси ҷиддӣ ва инҳирофи равонии ӯ гардида, гурӯҳи калони одамонро ба доми худ андохта, ба арзишҳо, афкор, ҷаҳонбинӣ ва шуури онҳо таъсир ҳамаҷониба мерасонад ва онҳоро ба гурӯҳҳои хушунатомез ва ифротӣ табдил медиҳад. Аксаран ниқоби динӣ ҳамчун як зоҳир ва рӯйпӯши муносибе барои тундгароёни динӣ ва терроризми байналмилалӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои ғаразноки онҳо хидмат менамояд.

Дар раванди имрӯзаи пешравии ҷомеаи техногенӣ ва ҷаҳонишавӣ дар баробари дигар зуҳуроти исломи сиёсӣ тундгароии динӣ ва таҳияии роҳу усулҳои муқобилият бар зидди ин падида на танҳо барои кишварҳои алоҳида, балки барои башарият ва тамаддуни муосир яке аз масъалаҳои хеле доғ ва рӯзмара ба шумор меравад. Миқёс ва ҷугрофияи амалҳои террористӣ таӣи солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки тундгароён ва террористон моҳият ва шаклу муҳтавои фаъолияти худро тағйир дода, ба як падидаи глобалӣ табдил ёфтаанд.

Имрӯз зарурати он расидааст,ки бояд аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони сиёсатшинос моҳият ва сохтори шаклҳои муосири зуҳури тундгароии динӣ ба таври возеҳ ва мушаххас омухта шуда, роҳу усулҳои муносиби муқобилият, механизмҳои пешгирӣ ва поён овардани шиддати таъсири он дар ҷомеа тархрезӣ гарданд. Дар иртибот ба гуфтаҳои боло имрӯз зарурати он расидааст, ки дар масъалаи омӯзиши ифротгароӣ ба омилҳои зерин таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардад:

Аввал, моҳият, миқёс ва эътибори рӯзафзуни тундгароии динӣ, ки бевосита бо хушунати иҷтимоӣ алоқаманд мебошад, аз нигоҳи илмҳои гуногун, аз он ҷумла сиёсатшиносӣ муайян карда шавад. Зеро дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ тахти таъсири идеология ва ақидаҳои тундгароёни динӣ қарор гирифта, хоссатан ҷавонони бе таҷриба ва эҳсосотӣ, ки дар ҷӯстуҷӯи адолати иҷтимоӣ қарор доранд, фирефтаи

устураҳои хаёлии онҳо мегарданд. Ҷои таассуф аст, ки шиддати афзоиши тундгароии динӣ дар сатҳи минтақаҳои мухталиф ва дар маҷмӯъ дар сатҳи ҷаҳони муосир онро ба яке аз проблемаҳои глобалии табдил додааст.

Дуввум, ифротгароии динӣ дар ҷомеъаи муосир ба андозае афзоиш ёфтааст, ки он дар афкори иҷтимоӣ истисноан бо экстремизм ва баъзе шаклҳои он айният дода мешавад. Сарфи назар аз мансубият ба табақоти иҷтимоӣ, миқдори ҳар чи бештари одамон, ҷонибдори ифротгароии динӣ мегарданд. Ин раванд махсусан, барои ҷавонони муосир шакли хос гирифтааст.

Севвум, бояд дар назар дошт, ки гуногуншаклии тундгароӣ ва таркибу сохтори он ба масалъаи пинҳонкорӣ ва динамикӣ алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ зарурати он расидааст, ки бо назардошти моҳият ва хусусиёти инфиродии он таҳқиқотҳоии илмӣ дар доираи талаботҳоии илмҳои сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, дипломатияи байналмилалӣ, равоншиносӣ, диншиносӣ ва фалсафа мавридӣ омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронию мулоқотҳои худ таҳдиду хатари ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризмро пайваста таъкид намуда, дар бораи роҳҳои пешгирии ин зуҳуроти номатлуб андешаҳои худро иброз медоранд. Чунончӣ Президенти кишвар дар яке аз баромадҳои худ роҷеъ ба ин масъала таъкид намуданд, ки: «ғайр аз муборизаи мусаллаҳона бо терроризм ба ҳалли масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо сабаби асосии тундгароӣ шуда метавонад, таваҷҷӯҳи хос бояд зоҳир кард. Бо таваҷҷӯҳ ба минтақаи мо бояд қайд кард, ки амалҳои гурӯҳҳои ифротиву тундгаро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ хатари ҷиддӣ доранд».[1]

Ҳақ бар ҷониби Эмолалӣ Раҳмон мебошад, зеро барои нишон додани муқобилияти муассир бо тундгароии динӣ, омӯзиши амиқи заминаҳои таърихӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он зарур буда, нишон додани раванди зуҳур ва густариши он ва амалӣ сохтани тадбирҳои пешгирикунанда дар муқобили он, дар сатҳи давлатҳои алоҳида, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Мубрамияти омӯзиши мавзуи рисолаи дисертатсионии мо низ дар доираи ин зарурият асоснок карда мешавад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки дар натиҷаи тамоюлот ва хусусиёти сиёсӣ гирифтани зуҳуроти тундгароӣ сабаби тағир ёфтани ҷойгоҳ ва мақоми ин ҷунбиши динӣ-сиёсӣ дар ҷомеа ва ҷаҳонбинии пайравони он аз зумраи ҷавонон ва насли наврас хоҳад шуд, ки ба раванди тағирпазирии ҷомеаи имрӯза, инчунин амнияти давлат таъсири худро хоҳад расонд.

Махсусан, ҷавонони Тоҷикистон, ки қишри осебпазири ҷомеа буда, бештар аз дигар табақаҳои иҷтимоӣ зери таъсири ғояҳои ифротгароёнаи динии гуруҳҳои тундгаро қарор гирифтаанд, бояд қувваю неру ва амалҳои онҳо ба муқобили манфиатҳои миллӣ ва суботи сиёсии кишвар равона гарданд. Дар робита ба ин, омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи зуҳури тундгароии

[1] Суханронӣ дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/20169 (санаи истифодабарӣ: 12.08.2019).

динӣ, сабабҳои пайдоиш ва ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои муқовимат бо он талаботи рӯзмара ба шумор меравад.

Мубрамияти мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад,ки яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеъаи Тоҷикистон боло бурдани маърифати сиёсӣ ва худшиносии миллии ҷавонон ҳамчун омили боздорандаи тундгароии динӣ ба шумор хоҳад рафт.

Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ, тарҳи эҳтимолии тундгароии динӣ ва паҳншавии онро дар минтақа нишон дода, пешбинӣ менамояд, ки тундгароии динӣ дар маҷмуъ метавонад ба низоми умумии амнияти тамоми кишварҳои минтақа таъсири манфӣ расонад. Ба ҳамин сабаб, аз нигоҳи мо механизми муассири муқовимат ба тундгароии динӣ ҳамкории мутақобилан судманди мақомоти салоҳиятдори кишварҳои минтақаи мазкур дар полоиши (филтратсияи) захираҳои иттилоотӣ маҳсуб мегардад. Дар амал тадбиқ намудани иқдоми мазкур хеле бамаврид ва зарур мебошад, зеро равандӣ ҷаҳонишавӣ на танҳо имконоти васеъро барои ҷараёнҳои иттилоотӣ ва рушду тараққиёти инсоният ба бор овардааст, балки сабаби зуҳур ва пайдоиши таҳдиду хатарҳои сифатан нави глобалӣ низ гардидааст. Чунон чи, таи солҳои охир дар натиҷаи рушду тараққиёти техника ва технологияи муосир ва пешравиҳои босуръати техналогияи рақамӣ ҷойгоҳ ва мақоми  шабакаҳои иҷтимоӣ дар раванди интишор додани ақидаҳои тундгароии динӣ дар байни аҳоли сайёраи мо  ба маротиб пеш рафта, боиси паҳн гаштан ва шиддат гирифтани таълимоти ин ҷараёнҳо дар ҷомеаи навин гардидааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи тундгароии динӣ тӯли чанд даҳсолаи охир таваҷҷуҳи олимону ҷомеашиносонро дар сатҳи ҷаҳонӣ ва манотиқи мухталифи он ба худ ҷалб намудааст. Дар ин муддат як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба омӯзиши тундгароии динӣ ва махсусан тундгароии исломӣ ба таври ҷиддӣ машғул гардидаанд. Дар корҳои илмию таҳқиқотии онҳо масъалаи тундгароии динӣ мавзуи марказии таҳқиқот ба шумор рафта, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи он нишон дода шудаанд. Масалан чунин таҳқиқотро дар асарҳои илмии муҳаққиқони аврупоӣ А.К. Зайферт, А. Крайкемайер,[2] Л.Р. Сюкияйнен,[3] М.П. Требин,[4] Б. Хоффман,[5] ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст. Дар таҳқиқоти олимони мазкур алоқамандии терроризм ва экстремизм бо тундгароии динӣ нишон дода шудааст. Олимони мазкур дар таҳқиқоти худ ба хулосае меоянд, ки ҳама гуна зуҳуроти ифротгароӣ дар заминаи идеологияи радикализми динӣ пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, аз байн бурдани радикализм ва пешгирӣ намудани роҳу

[2] Зайферт, А.К. Превентивная стабилизация посредством светско-исламских компромиссов [Текст] / А.К. Зайферт, А. Крайкемайер // О совместимости политического ислама и безопасности в пространстве ОБСЕ. – Душанбе: Шарки Озод, 2003. – С.8-24.

[3] Сюкияйнен, Л.Р. Ислам и терроризм: союзники или противники [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен // Терроризм и религия / сост. Л. В. Брятова; науч. ред. В.Н. Кудрявцев. – М.: Наука, 2005. – С.102-115.

[4] Требин, М.П. Терроризм в XXI веке [Текст] / М.П. Требин. – Минск: Харвест, 2004. – 816 с.

[5] Хоффман, Б. Терроризм – взгляд изнутри [Текст] / Брюс Хоффман; пер. с англ. Е. Сажина. – М., 2003. – 264 с.

усулҳои радикализатсияи ҷомеа имкон медиҳад, ки хавфу хатари терроризм ва экстремизм бамаротиб коҳиш дода шавад.

Дар Россия ва дигар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, як қатор олимон ба омӯзиши ин масъалаи хеле мубрами ҷаҳони муосир рӯй овардаанд:

Баглиев М.А.,[6] Бурханова К.Н.,[7] Василенко В.И.,[8] Воронина В.Ю.,[9] Дикаев С.У.,[10] Дмитриев А.В.,[11] Добаев И.П.,[12] Ермаков С.М.,[13] Жаринов К.В.,[14] Жданов Н.В.,[15] Иванич Ю.,[16] Игнатенко А.А.,[17] Коровников А.В.,[18] Шоманова А.Ж., Нурмухамедов Б.Ж.,[19] Петрухина А.А.,[20] Пластун В.И.[21] ва дигарон.

Ҳамзамон бояд зикр сохт, ки дар таҳқиқоти як қатор олимону муҳаққиқон сарфи назар аз он, ки масъалаи тундгароии динӣ бевосита таҳққиқ нагардида бошад, лекин онҳо баъзе паҳлӯҳои зуҳуроти тундгароиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ин самт корҳои илмию таҳқиқотие, ки ба омӯзиши моҳият, ташаккул ва хусусиятҳои бевоситаи тундгароии динӣ бахшида шудаанд дорои аҳаммияти зиёди илмию назариявӣ мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор муҳаққиқон ба омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни тундгароии динӣ машғул шудаанд. Дар таҳқиқотҳои онҳо масъалаҳои мазкур одатан ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии кишвар ва ҳамчун сарчашмаи иғвоангезию шӯрандозӣ баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти Муҳаммад А.Н.,[22] Зокиров Г.Н.,[23]

---

[6] Баглиев, М.А. Политические аспекты современного исламского экстремизма (на примере Египта) [Текст]: дисс… канд. полит. наук / Баглиев Мурад Алиевич. – М., 2002. – 171 с.

[7] Экстремизм в Центральной Азии [Текст] / под общ. ред. К.Н. Бурханова. – Алматы, 2002. – 326 с.

[8] Василенко, В.И. Терроризм как социально-политический феномен [Текст]: монография / В.И. Василенко. – М.: РАГС, 2002. – 218 с.

[9] Воронина, Е.Ю. Политический радикализм как объект политологического анализа [Текст]: дисс… канд. полит. наук / Воронина Елена Юрьевна. – М., 2013. – 183 с.

[10] Дикаев, С.У. Террор, терроризм и преступления террористического характера [Текст] / С.У. Дикаев. – СПб., 2006. – 464 с.

[11] Дмитриев, А.В. Религиозные аспекты терроризма [Текст] / А.В. Дмитриев, И.Ю. Залысин // Терроризм и религия / сост. Л.В. Брятова; науч. ред. В.Н. Кудрявцев. – М.: Наука, 2005. – С.75-89.

[12] Добаев, И.П. Исламский радикализм: генезис, эволюция, практика [Текст] / И.П. Добаев. – Ростов н/Д., 2003. – 416 с.

[13] Ермаков, С.М. Понятийные аспекты терроризма [Текст] / С.М. Ермаков // Терроризм – угроза человечеству в XXI веке. – М.: Крафт, 2003. – С.49-61.

[14] Жаринов, К.В. Терроризм и террористы: ист. справочник [Текст] / К.В. Жаринов; под общ. ред. А.Е. Тараса. – Минск: Харвест, 1999. – 604 с.

[15] Жданов, Н.В. Исламская концепция миропорядка [Текст] / Н.В. Жданов. – М.: Международные отношения, 2003. – 568 с.

[16] Иванич, Ю. Наркотики и терроризм [Текст] / Ю. Иванич. – М.: Вече, 2005. – 464 с.

[17] Игнатенко, А.А. Ислам и политика: сборник статей [Текст] / А.А. Игнатенко. – М.: Институт религии и политики, 2004. – 256 с.

[18] Коровников, А.В. Исламский экстремизм в арабских странах [Текст] / А.В. Коровников. – М.: Наука, 1990. – 170 с.

[19] Шоманова, А.Ж. Современный терроризм: взгляд из Центральной Азии [Текст] / А.Ж. Шоманова, Б.Ж. Нурмухамедов. – Алматы, 2002. – 216 с.

[20] Петрухина, А.А. Исламский радикализм как фактор дестабилизации мировой политической ситуации [Текст]: дисс… канд. полит. наук / Петрухина Анна Александровна. – М., 2012. – 170 с.

[21] Пластун, В.И. Деятельность экстремистских сил и организаций в странах Востока [Текст] / В.И. Пластун. – Новосибирск: ИД «Сова», 2005. –474 с.

[22] Муҳаммад, А.Н. Амнияти миллӣ [Матн]: воситаи таълимӣ / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. – Душанбе: Империал-групп, 2019. – 226 с.

[23] Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2004. – 56 с.

Шоисматуллоев Ш.,[24] Ятимов С.С.,[25] Маҳмадизода Н.Д.,[26] Миралиён Қ.А.,[27] Муҳаммадзода П.А.,[28] Додихудоев Х.А.,[29] Хидирзода М.У.,[30] Ҳайдарзода Р.Ҷ.,[31] Шарипов И.Ш.,[32] Шарипов С.И.,[33] Холикназар Х.,[34] Сафарализода Х.Қ.[35] ва дигарон масъалаҳои паҳншавии тундгароӣ ва ифротгароӣ, таъсири манфии онҳо ба суботи кишвар, инчунин таҳдидҳои вобаста ба онҳо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Муаллифони зикршуда зимни баррасии масъала тундгароии диниро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар доираи талаботи таҳқиқотҳои академӣ баён сохта, дар масъалаи муқобилият бо он, пешниҳод сохтаанд аз усулҳои зӯрии мубориза бо он, аз ҷумла, ҷисман нобуд кардани саркардагони гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористӣ, ворид кардани зарбаи пешгирикунанда ба пойгоҳҳои гурӯҳҳои террористӣ, истифодаи қувва ва воситаҳои техникии сохторҳои қудратиро истифода карда шавад.

Дар баробари ин бо назардошти мубрамият ва рӯзмара будани мавзуи тундгароӣ, робитаи мутақобилаи он бо ифротгароӣ ва терроризм, инчунин шиддат гирифтани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила қонунҳо ва асноду ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, инчунин суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқобили ин падидаи номатлуб таҳия ва қабул гардиданд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,[36] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-

---

[24] Шоисматуллоев, Ш. Ватандӯстӣ, маърифтати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстрремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2024. – 135 с.

[25] Ятимов, С.С. Идеология и национальные интересы [Текст] / С.С. Ятимов. – Душанбе: Ганч, 2015. – 192 с.; Ятимов, С.С. О политической идеологии [Текст] / С.С. Ятимов. – Душанбе, 2014. – 72 с.

[26] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе, 2022. – 324 с.

[27] Миралиён, К.А. Некоторые пути совершенствования пропаганды государственной идеологии среди молодежи [Текст] / К.А. Миралиён // Известия Академии наук Республики Таджикистан, отделение общественных наук. – 2015. – №3 (239). – С.103-112.

[28] Махмадов, П. А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии) : дис. док. полит. наук. – Душанбе, 2018. – 323 с.

[29] Додихудоев, Х.А. Роль и место Республики Таджикистан в противодействии экстремизму и международному терроризму: Проблемы и потенциал институтов гражданского общества [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Додихудоев Хуршед Азамджонович. – Душанбе, 2024. – 376 с.

[30] Хидирзода, М. Роҳҳои пешгирӣ ва муқовимат ба равияҳои ифротӣ [Матн] / М. Хидирзода // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015. – С.31-40.

[31] Ҳайдаров, Р.Ҷ. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров, Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИҶТ. – 2018. – №2. – С.90-93.

[32] Шарипов, И. Предпосылки преобразования общественных отношений в Таджикистане на пути некапиталистического развития [Текст] / И. Шарипов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 166 с.

[33] Шарипов, С.И. Таджикистан: демократизация политических отношений [Текст] / С.И. Шарипов. – Душанбе, 2000. – 257 с.

[34] Холикназар, Х. Республика Таджикистан в борьбе против терроризма и религиозного экстремизма в период государственной независимости [Текст] / Х. Холикназар. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 317 с.

[35] Сафарализода, Х. К. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ / Х. К. Сафарализода. – Душанбе : Эр-граф, 2023. – 420 с.

[36] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ганч, 2016. – 136 с.

2025 аз 1 июни соли 2021 таҳти №187,[37] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба экстремизм[38] қабул намуд. Суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016; дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил». Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017, 23 январи соли 2015, 20 апрели соли 2011 инчунин суханронӣ дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024, маълумоти ҷамъбастии Прокуратураи генералӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ва ғайра.

Сарфи назар аз он, ки паҳлӯҳои гуногуни тундгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он дар матни зуҳуроти номатлуб аз қабили ифротгароӣ, терроризм ва экстремизм мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, вале мутаассифона дар илмҳои сиёсии ватанӣ то ҳанӯз асарҳое, ки дар онҳо ин масъала дар шакли алоҳида, системавӣ ва ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил ва баррасӣ шуда бошанд, ба назар намерасад. Таҳқиқоти анҷомёфта барои пурра намудани ин холигии мазкур мусоидат хоҳад намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Масоили амнияти миллӣ ва муайян намудани таҳдидҳои нав ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот –** баррасӣ ва таҳқиқи хусусиятҳои бевоситаи тундгароии динӣ ва муайян намудани таъсири он ба суботи иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот дар рисолаи диссертатсионӣ вазифаҳои таҳқиқот ба таври зерин муайян гардидаанд:

- кушодани моҳияти илмии мафҳуми «тундгароии динӣ», инчунин мавриди омӯзиш қарор додани сарчашмаҳоии илмӣ, динӣ, эътиқодӣ ва мақсадҳои ниҳоии пайравони ин ҷараён;
- баррасии заминаҳои ақидатӣ ва этнофарҳангӣ, иҷтимоӣ ва решаҳои паҳн гаштан ва тавсиа ёфтани тундгароии динӣ, нишон додани омилҳои бунёдии ин падидаи сиёсии динӣ;

[37] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, аз 1 июни соли 2021, №187

[38] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, №1655

- омӯзиши раванди ташаккули маданияти сиёсию ҳуқуқии ҷавонони муосири Тоҷикистон ва хусусиятҳои муҳимми он дар дар раванди ҷаҳонишавӣ;

- асоснок намудани роҳу воситаҳои баланд бардоштани маърифатнокии сиёсии ҷавонон ва нишон додани омилҳои муассири муқовимат ба тундгароии динӣ;

- таҳлили ҷойгоҳ ва мақоми шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн кардани таълимоти тундгароии динӣ, пешниҳод сохтани тавсияҳои амалӣ ба хотири муборизаи ҳамаҷониба ба муқобили он дар муҳити имрӯзаи кишвар;

- муайян кардани нақши афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ.

**Объекти таҳқиқот** – тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои таъсири идеологияи тундгароии динӣ ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир.

**Фарзияи таҳқиқот** дар маҷмӯъ ҷойгоҳ ва нақши падидаи тундгароӣ, ташаккул ва паҳншавии онро дар шароити тағйирпазирии ҷомеа на танҳо дар доираи масъалаҳои зикршуда, балки пайдоишу таъсири онро низ ба равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар бар гирифтааст. Ин мушкилот мутаассифона то ҳанӯз дар кишвари мо ба таври пурра омӯхта нашуда, дар адабиёти мавҷуда таҳлилу баррасии сохтории самтҳои идеологии ташаккули тундгароӣ дар иртибот ба равандҳои сиёсӣ дар ҷомеа вуҷуд надорад.

Аз ин лиҳоз, дар рисолаи диссертатсионӣ моҳияти мафҳуми тундгароии динӣ ҳамчун маҷмуаи андешаву таълимоте, ки ба ақида ва идеологияи ҷараёнҳои бунёдгаро такя менамояд, мавриди таҳлили илмӣ - интиқодӣ қарор гирифтааст. Гипотезаи илмии мазкур дар асоси омезиши (муттаҳид сохтани) як силсила андеша ва идеяҳое, ки муаллиф ҳангоми таҳлил ва баррасии сарчашмаҳо ва таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин усули мушоҳидаи шахсии муаллиф дар самти ташаккул ва зуҳури тундгароии динӣ дар кишвари ҳамсояи Афғонистон, ки тавассути филмҳои мустанад ба даст овардааст, пешниҳод мегардад.

**Асосҳои назариявию методологиии таҳққиқот:** Таҳққиқот ҷанбаи байнифаннӣ дошта, равиши чунин илмҳо, аз қабили сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ, диншиносӣ, фалсафаи фарҳанг, равоншиносӣ (психология), ҳуқуқшиносӣ, таърих ва ғайраро бо ҳам муттаҳид месозад. Ҷанбаи байнифаннии таҳққиқот аз мураккабии мақсади гузошташуда бармеояд.

Асоси методологияи таҳққиқотро таҳлили муқоисавии ҷунбиши бунёдгароии динӣ, ки ба худ бештар хусусияти хатарноки фишороварии равониро нисбат ба аҳли ҷомеа касб менамояд, ташкил додааст.

Дар раванди таҳияи рисолаи илмӣ дар баъзе ҳолатҳо таҳлили муқоисавӣ бо далелҳои таърихӣ пурра мешаванд. Аз ҷумла, барои дарки беҳтари идеологияи муосири бунёдгароён ва ифротгароёни динӣ зуҳур ва таҳаввули ин ҷараёнҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Методи таҳқиқот ҳамзамон бо таҳлили адабиёти илмӣ ва оммавӣ, маводи ВАО ва ғайраро дар бар мегирад. Барои асоснок кардани зарурати

таҳқиқот маълумоти оморӣ ва сотсиологӣ, ки аз тарафи марказҳои пешбари Осиёи Марказӣ ва Русия, инчунин аз хориҷи дур дарёфт шудааст, мавриди истифода қарор гирифт.

**Нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ:** Дар рисолаии дисертатсионӣ авалин бор дар илмӣ сиёсатшиносӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тундгароии динӣ ҳамчун объекти омӯзиш интиқодии илмӣ қарор гирифта, фарқиятҳои асосии он аз ифротгароии динӣ ва терроризм нишон дода шудааст. Баъзе аз паҳлуҳоии мушаххаси нововарии дигари илмии рисола дар бандҳоие, ки дар поён зикр шудаанд, иниъкос ёфтаанд:

– хусусиёт ва моҳияти фарққунандаи «тундгароии динӣ» омухта шуда, манбаҳоии асосии ақидатӣ ва ҷаҳонбинии ин ҷараён бараси гардидаанд;

– сабабҳои пайдоиш, ташаккул ва паҳн гаштани ин падидаи номатлуб дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон баён гардидааст;

– роҳҳо, шаклёбӣ ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинӣ, инчунин моҳияти тафаккури сиёсӣ ва ҳуқуқии насли наврас дар кишвар мавриди таҳлили интиқодӣ қарор гирифтааст;

– василаҳоии асосии боло бурдани сатҳи шуъурнокӣ ва маърифати сиёсии насли наврас омӯхта шуда, роҳҳо ва омилҳои пуртаъсири мубориза ва муқовимат ба тундгароии динӣ таҳлил гардидаанд;

- ҷойгоҳ ва мақоми васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар нашр ва паҳн намудани таълимоти тундгароии динӣ омӯхта шуда, тарз, усул ва роҳҳои муқовимат бо ин падидаии номатлуб пешкаш гардидаанд.

- нақши афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Появу бунёди тундгароии динӣ аз даврони кӯҳан оғоз ёфта, то пайдоиши ин истилоҳ дар шаклҳои мухталиф вуҷуд дошт. Тундгароии динӣ аз нигоҳи таърихӣ дар доираи сохтори зерин рушд ёфтааст: аз террори инфиродӣ ба гурӯҳӣ – локалӣ ва оммавӣ. Барои терроризми муосир хушунати бештари оммавӣ хос мебошад. Терроризми муосир дар пайвастагӣ бо таълимоти исломи тундгаро, шакли терроризми қавмӣ ва гурӯҳӣ ба шумор рафта, аз ҷониби сохторҳои мушобеҳи байналмилалӣ дастгирӣ меёбад. Дар таҳқиқоти олимони соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар асарҳои илмии файласуфон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, диншиносон ва равоншиносон мафҳум ва моҳияти «тундгароии динӣ» ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

2. Тундгароии динии ҷаҳони муосир решаҳои амиқи пайвандсоз бо ифротгароӣ ва терроризм дошта, дар чорчубаи ҷаҳонбинии мушаххаси «ҷиҳодӣ» зуҳур, ташаккул ва паҳн гаштааст. Дар доираи рукнҳои асосии дини ислом мисоли равшани он ҷонибдорӣ аз доктринаи ҷанги муқаддас, яъне «ҷиҳод» ба шумор рафта, аз тарафи пайравони бунёдгарои исломӣ барои дастёб шудан ба ҳадафҳои динӣ – сиёсии худ истифода бурда мешавад.

Тундгароии динӣ падидаи манфии иҷтимоӣ- сиёсӣ буда, амалҳои он ба бесуботии ҳаёти ҷомеа равона гардидааст, ки оқибат ба таназзули

ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои мухталиф оварда мерасонад. Зуҳури ин падидаи номатлуб дар ҷомеа дорои сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, равонӣ, ақидатӣ, маънавӣ ва ғайра мебошад.

3. Фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар ҳаёти рӯзмарра ва маънавии инсон таъсири амиқ гузошта, барои такомули шахсият нақши муҳим мебозад. Дар раванди тағйирёбии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири тундгароии динӣ ба ташаккули таърихи навини сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа, амалӣ сохтани шаклҳои гуногуни низоми идоракунии давлатӣ, низоми сиёсӣ, субъектҳои иҷтимоӣ ва ғайра меафзояд. Дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии имрӯзаи ҷомеаи мо ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии насли наврас бо татбиқи манофеи миллии кишвар робитаи зич дорад. Чи тавре аз осори ҷомеашиносон бармеояд, омӯзиши фарҳанги сиёсӣ ва шаклҳои иҷтимоикунонии сиёсӣ, пеш аз ҳама, муайян сохтани роҳу усулҳои мустаҳкам намудани суботи сиёсӣ, муқаррар кардану мустаҳкам гардонидани фарҳанги сиёсии ҷомеа ва мавҷуд будани таҷрибаи ҳамаҷонибаи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Низоми иҷтимоии ҷомеа ва мавқеъгирии ҷавонон дар шароити имрӯза тақозои онро менамояд, ки нисбат ба тундгароии динӣ мубориза ва муқовимати доимӣ ва пайгирона ба амал баровардa шавад.

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки зарурати мубориза бо ифротгароӣ ва тундгароии динӣ ҳамчун вазифаи калидӣ дар соҳаи сиёсат ва идеология барои таъмини амнияти кишвар, минтақа ва ҷаҳон фаъолона барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт кор бурда истодааст. Дар доираи барномаҳо ва нақшаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, инчунин барномаҳои мушаххас таҳия карда шуданд, ки дар бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ натиҷаҳои назаррас ба бор оварданд. Мутаассифона, тундгароёни динӣ аз табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ баъзан вақт дастгирӣ меёбанд. Дар чунин ҳолати баамаломада зарурати он пеш меояд, ки маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии насли наврас боло бурда шуда, ба омили асосии муқовимати онҳо дар муқобили ифротгароӣ ташаккул ёбад.

5. Дар пешрафти ҳар ҷомеа нақши шахсиятҳои барҷаста ва машҳур хеле баланд буда, афкори онҳо ба интихоби масири рушди ҷомеа ва давлатдорӣ таъсири амиқ мерасонанд. Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ва дар рушди модели давлатдории миллии мо маҳз андешаҳои сиёсии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ дошта, Паёмҳои солонаи вай дар даврони давлатдории муосири мо ба сифати дастури роҳнамо хизмат намудаанд. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур бисёр паҳлуҳои рушди миллат, хусусан қишрҳои гуногуни ҷомеа арзёбӣ гардида, онҳо ба сарчашмаи баланд бардоштани маърифати сиёсии мардум табдил ёфтаанд. Дар амал татбиқ намудани Паёмҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавонанд, ки ҳар як шаҳрванди ҷавонро ба қуллаҳои баланди камолот роҳнамоӣ созад. Ҳамзамон ин Паёмҳо метавонанд ҳамчун дастури

методологӣ барои муқовимат бо идеологияи тундгароии динӣ истифода бурда шаванд.

6. Шахсоне, ки ба равияҳои тундгароии динӣ рӯй меоранд, аслан шахсиятҳои манқурт ва бедонишу бемаърифат ба шумор рафта, аз фарҳанги миллӣ ва ҳувияту худшиносии мардуми худ фарсаххо дур мебошанд. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми худшиносӣ ва ҳувияти миллии ҷавон имкон медиҳад идеологияи тундгароии динӣ ба афкори ҷомеа ба маротиб камтар таъсиргузор карда шавад. Зеро афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ метавонанд ҳамчун омили муассири боздоранда хизмат намоянд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти илмӣ – амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки моҳияти тундгароии динӣ маҷмуан муайян карда шуда, заминаҳои идеологӣ, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангии он ошкор гардидааст. Мазмуну муҳтавои амали сиёсии он дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон равшан шуда, асосу бунёди назариявӣ ва сабабҳои зуҳури тунгароии динӣ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда барои омӯзишу пажӯҳиши ин падидаи манфӣ истифода бурда шавад.

Маводи диссертатсия метавонад дар таҳияи накшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин дар курсҳои махсус оид ба фанҳои сиёсатшиносӣ, исломшиносӣ, диншиносӣ, сиёсатшиносии этникӣ, равоншиносии ҳуқуқӣ, низоъшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирад. Маводи диссертатсия ҳамчунин метавонад дар фаъолияти кормандони оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тартиботи ҷомеа ва сохторҳои қудратӣ истифода гардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба сифати маводи таълимӣ барои шунавандагону донишомӯзони мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешавад. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзӯъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 7-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Нақши дин дар ҷомеа», «Дину мазҳабҳои асосии замони муосир», «Мазҳабҳои тоталитарӣ», «Масъалаи таносуби ҳокимияти динӣ ва дунявӣ дар доктринаҳои мухталифи динӣ», «Масъалаҳои муколамаи байнимазҳабӣ» ва монанди инҳо барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти

натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар заминаи таҳлилу омӯзиши доираи васеи адабиёти илмӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқшуда ва паҳлуҳои гуногуни он андешаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикоси худро ёфтаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монографияи илмӣ, 6 мақолаи илмӣ ва 2 маърузаи илмӣ нашр намудааст. Мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Маърӯзаҳои илмии муаллиф дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд. Дар интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсия, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии довталаб пешниҳод шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Боби якуми диссертатсия «**Тундгароии динӣ дар низоми сиёсати ҷаҳони муосир: асосҳои назариявӣ ва методологии зуҳур, хусусият ва моҳияти он**» ба масъалаҳои омӯзиши асосҳои назариявӣ усул ва хусусиятҳои бевоситаи тундгароии динӣ, инчунин сабабҳои пайдоиш ва заминаҳои ташаккулёбии он бахшида шудааст.

Дар зербоби аввали боби якум «**Тундгароии динӣ: асосҳои назариявию консептуалии таҳқиқот»** дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва баррасии назарияҳои сиёсӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи тундгароии динӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Диссертант таъкид сохтааст, ки дар шароити тағирёбии рӯзафсуни ҷаҳони муосир, ки раванди босуръат ва чашмгири ҷаҳонишавӣ вусъат меёбад, зухури номатлуб ва харобиовари «радикализм» ва ё ба таъбири имрӯзаи забони тоҷики «тундгароӣ» дар ҳаёти сиёсӣ, динӣ, ақидатӣ ва маънавию фарҳангии мардуми сайёраи мо ворид гардида, дар зиндагии рӯзмара, амалу фаъолияти гуруҳҳои мухталифи иҷтимоӣ, сиёсату амалкарди онҳо, шаҳрвандони алоҳида ва дар маҷмуъ ҷомеа, баръало зоҳир мегардад. Ин падидаи номатлуб гуногунҷанба буда, дар баробари раванди босуръати ҷаҳонишавӣ бештар шиддат гирифтааст ва аз нигоҳи зоҳирӣ ва моҳияти худ хеле тағйир ёфтааст. Тундгароии муосир ба худ шаклу зоҳири мухталиф гирифта, ба мушкилоту хатарҳои нав мувофиқ мегардад.

Падидаи тундгароӣ ҳанӯз аз даврони кӯҳан, аз ҷумла, давраи «Эҳё» диққати олимонро ба худ ҷалб карда, дар асрҳои ХХ ва нимаи аввали асри XXI омӯзиши он хеле муҳим гардидааст. Аслан истилоҳи «радикализм» (тундгароӣ) дар охири асри XVIII дар Англия вориди фарҳанги истилоҳот гардидааст. Чарлз Ҷеймс Фокс сиёсатмадору идеологи либерализми англис, аввалин шуда калимаи «радикализм» - ро барои ишора ба ҷонибдорони даврони кӯҳан ва тағйироти куллӣ дар низоми давлатҳои аврупоӣ. Дар асри XIX ин идея тадриҷан ба Аврупо ворид шуда сараввал зери он «тағйироти бунёдӣ»-ро дар назар доштанд.

Ва дар даврони шиддат гирифтани инқилобҳои саноативу иҷтимоии зиддифеодалӣ ва буржуазӣ, радикализм (тундгароӣ) ҳамчун намунаи навини рушди иҷтимоии ҷомеа муаррифӣ шуда, дар афкори иҷтимоӣ ва сиёсии аврупоиёни асри ХХ таввасути ҷонибдорони «анъанагароён» ва «консерватиҳо» ба вокуниши ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Ба тадриҷ мафҳуми «радикализм» дар худ муҳтавои муҳити номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, тасавуроту ҷаҳонбинӣ ва идеологӣ, таҳдидҳои техногенӣ ва экологӣ, омилҳои маънавӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва хусусиятҳои антропологӣ, намунаи ботини рафтору кирдори шаҳрванди аврупоиро гунҷонид.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло метавон ду шакли тундгароиро, ки ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ бо онҳо рӯ ба рӯ аст, ҷудо намуд: тундгароии иҷтимоӣ ва сиёсӣ. Агар тундгароии иҷтимоӣ афзалияти манфиатҳои ҳар як гурӯҳи иҷтимоиро нисбат ба манфиатҳои ҷомеа эътироф намояд, ки тундгароии сиёсӣ бошад мақсад дорад қудрат ва ҳокимияти давлатиро ба даст оварад, аз ин рӯ майдони муборизоти тундгароии сиёсӣ васеътар буда, бунёди решаҳои идеологии он нисбат ба идеологияи тундгароии иҷтимоӣ бештар коркард шудаанд.

Тундгароии сиёсӣ бо истифода аз зӯроварӣ мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ дорад. Дар сохтори тундгароии сиёсӣ ҷараёнҳои «чап» ва «рост» ҷудо карда мешаванд. Ба тунгароёни чап шахсон ва гӯруҳҳои сиёсии дорои ақидаҳои коммунистии шадиди чапгаро дохил шуда, ба "тундгароёни рост" инчунин усулҳои хосе аз қабмли авторитаризм, тасаруфи ғайриқонунии ҳокимият ва ғайра доро мебошанд.

Ин тарзи фаъолият ба тундгароёни динӣ низ дахл дорад. Намунаи барҷастаи он тундгароии исломи мебошад, ки дар солҳои аввали пайдоиши дини ислом оғоз гардидааст ва онҳоро бо истилоҳи “хавориҷ”, яъне хориҷшудагон ном мебурданд. Ин тарзи мубориза минбаъд дар ғояҳои Ибн Таймия иникос ёфта аз тарафи намояндагони ҷунбишҳои гуногуни диниву сиёсӣ, ки таҳти парчами ислом мубориза мебурданд, дастгирӣ пайдо намуданд. Ин ҷунбишҳо хосатан аз асри XVIII шуруъ гардида дар Арабистони Саудӣ васеъ паҳн шуд ва асоси ақидати ва ғоявии ҷараёни ваҳҳобияро, ки аз тарафи Абдул Ваҳҳоб таъсис ёфта буд, ташкил дод.

Дар даҳсолаҳои охир қисми зиёди ғояҳои тундгароёнаи исломи дар асоси таҷрибаи ваҳобия ва осори ал – Банно ва Абдул – Ало Мавдудии покистонӣ – роҳбари ташкилоти «Ҷамоати исломӣ» таҳрези гардидаанд.

Хосатан дар натиҷаи тақвият ёфтани таваҷӯҳ ба дин дар солҳои 60 – ум ва 70 – уми асри XX дар Миср ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ва болоравии талабот ба ақидаҳои исломгароӣ тундгарои ба эътирози иҷтимоӣ – сиёсӣ табдил ёфта, ба худ номи «эҳёи ислом»-ро гирифтааст. Дар иртибот ба ин метавон гуфт, ки ба зумраи асосгузорон ва идеологҳои тундгароии динӣ дар кишварҳои Шарқи исломӣ Ибн – Таймия, Ибн ал – Ваҳҳоб, Ризо Ҳасан ал- Банно, ал- Мавдудӣ, Саид Қутб, Ҳавва, Мустафо, Фараҷ, Ҷуҳайман ал – Отейбӣ ва ғайраҳо дохил намуд.

Дар зербоби дуюми боби аввал « **Омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва идеологии зуҳури тундгароӣ»** заминаҳои ташаккулёбӣ ва сарчашмаҳои идеявию ғоявии тундгароии динӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар доираи таълимоти бунёдгузорони тундгароии динӣ дар Шарқи Миёна ва Наздик ҷунбишу ҳаракатҳои зуҳур намудаанд, ки дар онҳо зӯроварӣ яке аз воситаҳои асосии расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ мебошад. Воқеан, ҳам сарчашмаҳои ғоявии пайдоиши тундгароии динӣ - сиёсӣ таълимотҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо истифодаи фишору зӯроварӣ ва ҳар гуна роҳҳои дигари даҳшатафканӣ мақоми асосӣ доранд. Маҳз ҳамин гуна таълимотҳо ва ғояҳои ифротӣ сарчашмаи бунёдии ҷаҳонбинии пайравони ҳизбу ҳаракатҳои мухталифи тундгароӣ ба шумор меравconfigured.

Амалҳои ниҳоии тундгароён таркишҳои террористӣ дар ИМА 11 сентябри соли 2001, ҳодисаҳо дар Москва, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Амрикои Лотинӣ, Африқо, Уқёнуси Ором, Шарқи Наздик ва Миена, Қафқоз, Осиёи Марказӣ, Сурия, Покистон, Афғонистон ва дигар минтақаҳо ба шумор мераванд. Чунин амалҳои ё кӯшиши амалӣ кардани онҳо намунаи равшани зуҳуроти бераҳмии шадид ва куштори оммавӣ буда, зери ниқоби ғояҳои гуногуни иғвоангез содир карда мешаванд.

Диссертант таъкид сохтааст, ки омодагии психологӣ ба марг ва худкушӣ зимни анҷом додани амалҳои даҳшатафкан – ин хусусияти хоси тундгароӣ аз тариқи амалҳои террористӣ мебошад. Тундгароён барои ҳифзи «арзишҳои исломӣ» истифода аз ҳама гуна усулҳои даҳшатафканӣ ва зӯровариро мутобиқ ба меъёрҳои шаръӣ ва ахлоқӣ шуморида ҳангоми истифодаии қувва бо риояи се меъёрро зарур ва ҷоиз медонанд ва онҳоро асоснок месозанд:

1. агар истифодаи қувва аз ҷониби Худо иҷозат дода шавад. 2. агар истифодаи қувва асосҳои одилона дошта бошад. 3. агар истифодаи қувва ба мубориза бо беадолатӣ нигаронида шуда бошад.

Поягузорони таълимотҳои тундгароӣ ба хурофот, эҳсосот ва тасаввуроти мазҳабии мусулмонон такя намуда, иброз медоранд, ки сабаби зӯроварӣ мушрикон буда, онҳо мусулмононро ба муқобили миллатҳо ва халқиятҳои ғайримусулмон савқ медиҳанд. Аз ин рӯ зарурати дигаре пешниҳод мекунанд, ки ҳар як мусулмоне, ки дар майдони мубориза бо «кофирон» кушта мешавад ба биҳишт хоҳад рафт. Ба ибораи дигар, онҳо истифодаи зӯровариро дар муқобили кофирон ҳамчун як намунаи фидокорӣ дар роҳи Худо ва василаи ноил шудан ба ҳаёти ҷовидона асоснок менамоянд. Ин гуна ақидаҳои тундгароии динӣ мусулмнони бетаҷрибаро ба гирдоби фанатизми динӣ меафканад. Ба қавли Н. Меленитева, мувофиқи ақидаи тундгароёни

исломӣ «мақсади асосии ҳаёти заминӣ омодагӣ ба ҳаёти ҷовидонӣ буда», мақсад аз он мусулмонро ба худқурбонкунӣ ба хотири амалӣ сохтани нақшаҳои даҳшатафканӣ ва террористии худ тайёр мекунанд. Ховаршиноси рус Е.М. Примаков, низ таъкид месозад, ки: тундгароёни террорист зери таъсири шадиди фанатизми динӣ қарор дошта, байни афкор ва эътиқоди динии онҳо ихтилофи бузург вуҷуд дорад».

Диссертант дар иртибот ба ин зикр сохтааст, ки «таъсири исломи радикалӣ» дар ташаккули ангезаҳои рафтори экстремистӣ, шуур, фаъолияти динӣ ва рафтору муносибатҳои иҷтимоии шахсони диндор нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин зарур аст дар навбати аввал омилҳо ва сарчашмаҳои ғоявиеро, ки ба муносибати душманонаи байни мусулмонон ва «ғайримусулмонон», инчунин амалҳои зӯроварӣ оварда мерасонанд, муайян кард: **Якум,** идея ва таълимотҳои экстремистии қисми мутаассиби рӯҳониёни исломӣ дар мади аввал ба шуури динии пайравонашон таъсир расонида, онҳоро аз ҷиҳати психологӣ барои анҷом додани ҳама гуна амалҳои зӯроварӣ «дар роҳи дину имон», аз он ҷумла ба шаҳодат расонидан ва қурбонӣ кардани ҷони худ таблиғ мекунанд;

**Дуюм,** тундгароёни исломӣ ба шуур ва равони диндорон ба таври мустақим ва пайваста тавасути идеяҳои тундгарои таъсир мегузоранд;

**Сеюм,** дар шароити бӯҳронҳо, ба монанди бетартибиҳо, гирдиҳамоиҳои оммавӣ ва ғайра, амалҳои экстремистӣ ба ташаккули навъи махсуси шуури динӣ-гурӯҳӣ оварда мерасонанд;

**Чорум,** барои амалӣ намудани амалҳои террористӣ роҳбарони гурӯҳҳои экстремистӣ аъзои радикалии, худро, ки ба ҳама гуна амалҳои зӯроварӣ, ваҳшиёна омодаанд, ҷалб мекунанд.

Олими ӯзбек Б. Бобоҷонов иброз медорад, ки идеологияи тундгароӣ дар байни «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» баъд аз паҳн гаштани идеологияи «бегонашавии таъқибшудагон» («Ғураба») оғоз ёта, ихтилофҳо дар байни пайравони "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон" ва мусулмонони кишвар ихтилоф ба амал омада, аксарияти мусулмонони минтақа ангезаҳои мазҳабии «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва тарзи амалҳои онҳоро қабул накардаанд, зеро барои аксарияти уламои мусулмони Осиёи Марказӣ ҳанафӣ мазҳаби анъанавӣ буда, дар тӯли садсолаҳои мавҷудияти уммати ислом дар шароити муносибат бо зерсохторҳои сиёсӣ ва фарҳанги ғайриисломӣ таҳия шудааст.

Дар шароити муташаниҷи ҷаҳони муосир дар атрофи масалаи ҷиҳод баҳс кардан маънеи оғози ҷанги шаҳрвандиро дорад. Ба ақидаи дессертант аксари мусалмонони Осиёи Марказӣ ҷонибдори исломи анъанавӣ, яъне пайрави мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ буда, тундгароиву терроризми диниро қотеона маҳкум мекунанд, ин гуна гурӯҳҳо дини исломро ҳамчун ниқоб барои ғаразҳои сиёсии худ истифода мебаранд. Ҳар як амали террористии, онҳо аз зери таъсири идеологияи муайяне содир гардида дар он усули зӯроварӣ ва даҳшатафканӣ тарғибу тавсия мегардад. Мисоли равшани ин мунокишаи байни тоҷикон ва натиҷаи ногузири он ҷанги шаҳрвандӣ дорои заминаҳои мухталифи идеологӣ буд:

1. Таъсиси «Ҳизби наҳзати исломӣ» дар (Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ) Ин амали сиёсӣ ва дорои хусусияти геополитикӣ ва геостратегӣ мавқеи баъзе аз гурӯҳҳои ифротгароро дар Тоҷикистон хеле мустаҳкам намуд;

2. Дар охири даврони Шуравӣ ғояи бунёдгароии ваҳҳобӣ ба шуури динии қисме аз мусалмонони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон таъсири бузург гузошта буд. Таҳти таъсири ғояи ваҳҳобия дар исломгароии тоҷик рӯҳияи зиддиэшонӣ ва дар маҷмӯъ зиддианъанагароӣ ташаккул ёфт ва «ваҳҳобиёни тоҷик» ба фикри аз унсурҳои этникӣ ва миллӣ тоза кардани мазҳаби ҳанафӣ афтоданд;

3. Ба низоми сиёсии ҷомеа ворид шудани «ваҳобия»-и ифроти дар Тоҷикистон оғоз ёфт;

4. Идеологияҳо ва ҳаракатҳои бунёдгаро дар давраи буҳрони сиёсӣ–иҷтимоии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба фазои ҳаёти динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар роҳ ёфт;

Дуализми динӣ ва мафкуравӣ дар сатҳи миллӣ ҷузъи низои байни тоҷикон ва сабаби ҷанги шаҳрвандӣ дар заминаи мазҳабӣ ва идеологӣ гардид;

Дар хулосаи ин зербоб диссертант таъкид кардааст, ки дар шароити тезу тунди тағйир ёфтани харитаи сиёсии ҷаҳон, муборизаи доманадори геосиёсии геоиқтисодӣ ва геостратеги кишварҳои абарқудрат, аз як тараф ва густариши босуръати раванди ҷаҳонишавӣ ва дигаргуншавии симои муосири кишварҳои Шарқу Ғарб пешгирии тундгароӣ ба ҷомеа башарӣ яке аз ҳадафҳои геостратегӣ ва геополитики ҳар як давлат бояд, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти ҳар як шаҳрванди ин кишварҳо дар мадди аввал гузошта шавад. Дар ин росто алалхусус ҷавонон, ки қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа маҳсуб мешаванд, нақши муҳимро метавонанд иҷро намоянд.

Дар зербоби сеюми боби аввал **«Манбаъҳои паҳншавии идеяҳои тундгароии динӣ аз тариқи васоити ахбори омма»** - заминаҳои ташаккулёбӣ ва сарчашмаҳои идеявию ғоявии тундгароии динӣ тавассути васоити ахбори омма мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба андешаи диссертант яке аз мушкилиҳои низоми давлатдории дунявӣ ва муносибати он бо тундгароии динӣ дар он зоҳир мегардад, ки васоити ахбори омма бояд дорои як лоҳияи махсуси мубориза ба муқобили ин ҷараён, инчунин сиёсати махсус ва мушаххаси давлатӣ дар бораи омузиш ва инъикоси воқеии фаъолияти ҷараёнҳои динӣ дар васоити ахбори омма қабул шуда бошад, зеро набудани чунин як санад муносибати байни динҳо, мазҳабҳо ва ҷараёнҳои диниро ба баъзе мушкилиҳо ва нофаҳмиҳо рӯ ба рӯ хоҳад кард. Зеро дар шароити рушди бемайлони техника ва техналогияи пешрафта дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла дар кишвари мо низ иттилооти шабакаҳои мухталифи таблиғкунандаи таълимотҳои тундгароӣ, нашрияҳои ғайрирасмӣ, мақола, китобҳо ва маҳсулоти зиёди чопшудаи маводи таблиғотии динӣ паҳнгашта, ба ҷомеа таъсири худро мегузорад.

Дар ҷаҳони муосир воқеан ҳам тундгароӣ дар фазои Интернет дорои ҷанбаи васеъ ва динамикӣ буда, имконоти зиёди таъсирбахш дорад: **а)** веб – сайтҳои таъсисдодаи тундгароён гоҳе зоҳир мешаванд ва гоҳе нопадид мешаванд; **(б** хатари нопадид шудан тағйири ҳама суроғаи сайтро дигар мекунанд ва ғайраҳо.

Бо густариши Интернет имкониятҳои таъсири иттилоотӣ психологии тундгароён ва ифротгароёни дигари динӣ хело афзуд. Истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии Интернет, махсусан шабакаҳои иҷтимоиро метавон ба ду самт ҷудо кард:- ҷамъоварии иттилоот, иртибот, таблиғот, ҷалби одамон ва ғайраҳо; - кибертерроризм.

Шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо дастрасӣ ба миқдори зиёди иттилооти муфидро фароҳам меоранд, балки барои террористон уфуқҳои нав низ мекушоянд: имконияти гирифтани маълумоти муфассал дар бораи одамон, расонидани таъсири идеологӣ ва маънавӣ ба онҳо ҷалби оммавии шаҳрвандон бидуни тамоси мустақим ва муоширати шахсӣ; дастгирии ҳамаҷонибаи тарафдорони ақидаҳои экстремистӣ ва террористӣ аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ; ошкоро таблиғ намудани идеологияи худ; иштирок дар амалҳои қонунии сохторҳои давлатӣ; содир кардани ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ҷиноятҳои дигар дар доираи амалҳои тундгароӣ, террористӣ ва экстремистӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун ба мақсади пешгирии амалҳои ғайриқонунии тундагроӣ дар самти таблиғоти ақидаҳои ифротгароӣ дар фазои Интернет «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул шудааст, ки дар бахши «Масъулияти воситаҳои ахбори омма барои паҳн кардани маводи экстремистӣ ва амалигардонии фаъолияти террористӣ» воситаҳои ахбори омма паҳн кардани маводи мазмуни экстремистидошта манъ карда шудааст.

Дар доираи ин ва дигар қонунҳо ҳокимияти давлатии дунявӣ метавонад ягона кафили иттиҳоди манфиатҳои умумии аҳли ҷомеа ва ҷустуҷӯи ҳамраии иҷтимоӣ дар ҷомеа бошад.

Ҳамин таблиғоту ташвиқотҳои густурдаи ҷараёнҳои тундгаро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани шаҳрвандони Тоҷикистон буд, ки насли навраси кишвар ба гӯруҳҳои «Давлати исломӣ» «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ал-Қоида», «Толибон», «Бардорони мусалмон», «Лашкари Тайиба», «Ҷамоати таблиғ», «Созмони Таблиғот», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Давлати исломӣ», «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Салафия», «Таҳрир–аш– Шом» шомил гардиданд ва ин раванд дар ҳолати афзоиши қарор дорад.

Аксари шахсоне, ки дар солҳои 2000-2024 ба «Давлати исломӣ» ва дигар ташкилотҳои тундгаро, ифротгаро ва террористӣ аъзо шудаанд, пайравони таълимоти «Салафия», «Ансоруллоҳ» ва дигар ҷараёнҳоии муосири тундгаро мебошанд. Аз ин лиҳоз, бо қарори Суди Олӣ аз 30 марти соли 2006 ташкилотҳои «Ал-қоида», «Ҳаракати Исломии Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари тайиба», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти Таблиғ», «Созмони таблиғот», «Таҳрир–аш–Шом»,

«Тоҷикистони озод», ва 11 марти соли 2008 «Ҳизб-ут-Таҳрир» ва аз 08 январи соли 2009 бошад равияи», Салафия» манъ карда шудааст. аз 03 майи соли 2012 ин ҷамоат ҳамчун ташкилоти террористӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташ, манъ карда шудааст.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ воситаи пурқуввате мебошанд, ки метавонанд ба шуури одамон таъсир расонда онҳоро ба шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Facebook, Одноклассники, Telegram, ВКонтакте ва ғайра аъзо мекунанд. Ҳангоми таҳлили сегменти тоҷикии ин шабакаҳо, диссертант якчанд гурӯҳи корбаронро ҷудо кард, ки онҳо рӯҳияи экстремистӣ доранд: **Гӯрӯҳи якум.** Шахсоне, ки дар давлатҳои исломӣ, берун аз Тоҷикистон ғайри қонуни таҳсил кардаанд.

**Гурӯҳи дуввум.** Ашхосе, ки аз ҷунбишҳои ғайри Қонунии динӣ пуштибонӣ менамоянд ва исломро ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ ба мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии худ ҳамаҷониба истифода менамоянд.

Диссертант ба хулосае омадааст, ки масдуд кардани сомонаҳо ҷанбаи муваққатӣ воситаи чандон самарабахш нест, зеро метавон аз дубликати он сомона дошта истифода намуд. Бо истифода аз технологияи убур ба осонӣ метавон аз масдудияти сомона берун баромад. Ба қавли Е.А. Лохин тундгароён воситаи гурез аз поксозиро, ки дар шабакаҳои иҷтимоии «Facebook» ва «Twitter» «Телеграм» ба муқобили нашри маводи террористӣ ва ифротӣ ба кор бурда мешавад, аз худ кардаанд. Поксозӣ асосан дар саҳифаҳое ба кор бурда мешавад, ки таблиғоти худро ба забонҳои аврупоӣ мебаранд. Бинобар ин, тавре ки нозирон таъкид менамоянд, бисёр гурӯҳҳои террористӣ маводи худро на ба забонҳои англисӣ ё русӣ, балки ба забонҳои ӯзбекӣ ё арабӣ ва ғайра менависанд, зеро саҳифаҳо ба забонҳои шарқӣ кам баста мешаванд.

Ҳоло зарурати таъсиси гурӯҳҳои зиддитеррористӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба миён омадааст. Ин чунин дар кӯтоҳтарин замон бояд мутахассисони варзидаи соҳаи таҳоҷуми кибериро омода кард, ки қобилият ва воситаҳои муошират дар муҳити ҷомеаи мусулмониро дошта бошанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Тундгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба омӯзиши як қатор масъалаҳои мубрами ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, дар он масъалаи, паҳн гардидани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ дар муҳити ҷавонон ва роҳу воситаҳои пешгирии ҳуқуқии ин падидаи номатлуб баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм **«Зуҳури тундгароии динӣ дар фазои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон: умумият ва хусусиёт»** таъкид шудааст, ки зуҳуроти шуми тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм дар ҷаҳони муосир дар умум масъалаҳои зиёдеро дар бар гирифта, то ба имрӯз роҳи ҳалли худро пайдо накардаанд ва табиатан натиҷаи мантиқии мушкилиҳои раванди ҷаҳонишавӣ, умумибашарӣ ва минтақавӣ ба шумор меравfamiliar. Ҳар зуҳуроти иҷтимоӣ ва сиёсие, ки аз муҳтавои тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм сар мезананд, дорои решаҳои амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, маънавӣ ва равонӣ мебошанд.

Барои дарки моҳияти асосии мафҳумҳои сегонаи зикршуда, ки бо хусусиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ин ё он кишвар робитаи мутақобила доранд, метавон аз усул ва методологияи намояндагони мактабҳои сотсиологии Огюст Конт, Карл Маркс, Дюркгейм ва Макс Вебер истифода намуд. Масалан Карл Маркс дар бораи таъсири дини ба тафаккур ва ҷаҳонбинии ҷомеа ақидаҳои худро баён дошта, таъкид кардааст, ки дар моҳияти он эътироз, шикояти мазлумон, ҷуброни мушкилиҳои мухталифи иҷтимоӣ, бартараф кардани ҷаҳонбинии динӣ дар ҷомеа шарти муҳим дониста мешаванд. Бо ибораи дигар решаҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризми диниро бояд, қабл аз ҳама, дар манофеи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва шароитҳои иқтисодии ҳаёти ҷомеа ҷустуҷӯ намуд, баъдан дар бораи заминаҳои ақидатӣ, ғоявӣ, равонӣ, қавмӣ, миллӣ ва таърихии онҳо андешаҳои худро баён сохт.

Ба қавли диссертант миқёс ва мавқеи иҷтимоии дин дар раванди ҷонибдории он аз рукнҳо ва бунёдҳои ақидатӣ ва талаботи ҷомеа ба омил ва унсурҳои динӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ робитаи мутақобилаи байни тағйиротҳои иҷтимоӣ ва муносибати аҳли ҷомеа ба дин, рушд ва ё рукуди фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва институтҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Фаъолият ва амалҳои сиёсии оммаи диндори ҷомеа ва истифодаи шаклҳои мухталифи зӯроварӣ тавассути онҳо (масалан, терроризм ва ифротгароӣ) вобаста ба моҳият ва табиати ин ё он дин нест.

Бинобар сабаби он, ки дин ба эҳсосоти мардум ва ботини ӯ сару кор дошта, ба боварӣ ва имони аҳли ҷомеа асос ёфтааст, идеали меҳварии он ҳақиқат ва адолат ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки тундгароён аз ин мафҳумҳо ва эҳсосоти мусулмонон хеле моҳирона судҷӯӣ намуда, сиёсати ғаразолуди хешро ҳамчун идеали адолати устуравӣ ва сиёсӣ ҷилвагар месозанд.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло диссертант ба хулосае меояд, ки идеология ва фаъолияти амалии тундгароёнӣ диниро дар шароити муосири Тоҷикистон метавон ба се қисм ҷудо кард; **Якум,** шаҳрвандоне, ки ба ҷараёнҳои тундгароии «салафия», «ваҳҳобия», «ансоруллоҳ» ва ғайра дахл дошта, зери таъсири акидаҳои Ҳасан ал–Банно қарор доранд, мубориза худро дар се марҳала, яъне ибтидоӣ, ташкилӣ ва зӯроварӣ тарҳрезӣ намудаанд; **Дуюм.** Ин марҳила хусусияти ташкилӣ дошта, дар раванди он пояҳои ташкилот аз нигоҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва кадрӣ мустаҳкам мегарданд; **Сеюм**. Аз нигоҳи моҳият ин давра марҳилаи асосӣ буда, зӯроварӣ ва куштор асоси онро ташкил медиҳад.

Аслан бунёди стратегияи дуюми амалҳои гурӯҳҳои тундгаро ва ифротгароро дар Тоҷикистон таҳти номҳои «салафия», «ваҳҳобия», «ансоруллоҳ» ва ғайра зикр гардида манбаҳои ҷаҳонбинии онҳоро осор ва таълимоти Саид Қутб ва Ҳасан ал–Банно ташкил менамояд. Он аслан дар кишварҳои Шарқи Миёна ва Наздик аз тарафи гурӯҳи «ат – Такфир ва – ал - ҳиҷра» дар амал татбиқ шудааст. Стратегияи мазкур ду марҳилаи мубориза яъне, марҳилаи заиф (истидоф) ва марҳалаи ҷиҳодро дар бар мегирад. Гурӯҳҳи асосии муборизонро, ба қавли Саид Қутб диндорони «ҳақиқӣ», ки

талошҳои онҳо ба муқобили ҷомеаи «кофирон» равона гардидааст, ташкил медиҳад. Иттиҳоди диндорони «ҳақиқӣ» ҳамчун пешсафони мубориза, дар марҳалаи аввали мавҷудияти худ, кӯшиш мекунанд мардумро барои ҷудо шудан «аз ҷомеаи ҷоҳилия»даъват намоянд.

Диссертант зикр сохтааст, ки мақсади асосии ин стратегия аз байн бурдани «ҷомеаи ҷоҳилия» буда, барои расидан ба он бояд се ҳадаф дар назар гирифта шавад: **Якум,** наҷот аз «касифшавии» диндорони «ҳақиқӣ», ҳифзи онҳо аз ҷоҳилият; **Дуюм,** наҷот аз нобудшавии гурӯҳ дар марҳалаи ибтидоии мавҷудияти он; **Сеюм**, ташкили ҷомеаи исломӣ, инкори «қонунҳои ғайриисломӣ», назорати иҷрои талаботи шариати исломӣ ва ғайра. Стратегияи сеюм, ҳамчун бунёд ва пояҳои ақидатии ташкилоту ҷараёнҳои «салафия», «ваҳҳобия», «ансоруллоҳ» ва ғайраҳо, ки як гӯруҳ шаҳрвандони тоҷик низ аъзоёни фаъоли онҳо маҳсуб меёбанд, аслан тавассути ҷангҷуёни ташкилотҳои террористии «ал-Ҷиҳод», «Таҳрир–аш– Шом»,«Муназзам - ат–таҳрир-ал - исломӣ» ва ал- Камрӣ таҳрезӣ гардидаанд.

Саид Кутб дар доираи ин хронология нақшаи рушди консепсияи ҷиҳодро аз замони зуҳури ислом то имрӯз дар чор марҳила тақсим намудааст: **Марҳилаи якум** ҷиҳод даврони ҳаёт ва зиндагии пайғамбари ислом марбут мебошад. **Марҳилаи дуюм** ҷиҳод замони баъд аз ҳиҷрати пайғамбар аз Макка ба Мадина; М**арҳилаи сеюми** ҷиҳод муборизаи шадиди оштинопазир алайҳи гурӯҳҳои зиддиисломӣ; М**арҳилаи чоруми** ҷиҳод, бар зидди афроде равона гардида аст, ки Худоро намешиносанд ва ба мавҷудияти Худо боварӣ надоранд.

Истифодаи ин таълимот дар кишвари мо ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ бурд, ки дорои сабабҳои зерин буд; **Якум,** нобаробарӣ дар тамоми самтҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар байни минтақаҳои ҷануб ва шимоли кишвар; **Дуввум,** ба вуҷуд омадани «шимоли бой» ва «ҷануби камбағал» дар харитаи кишвар; **Севвум,** дар низоми роҳбарии ҷумҳурӣ тайи солҳои зиёд роҳбарони мақоми аввал фақат аз ҳисоби намояндагони «шимол», **Чаҳорум,** ба ҷумҳурӣ ворид шудани ҷараёнҳои гуногуни динӣ, аз он ҷумла насрония, баҳовия, ваҳобия, алавия ва ғайра, **Панҷум,** ба шиддати зиёд боло рафтани сатҳи зоиш дар кишвар ва ғайра.

Диссертант ба хулосае меояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати мубориза бо ифротгаройиро дарк намуда, дар бахши сиёсат ва идеология барои таъмини амнияти кишвар, минтақа ва ҷаҳон инчунин таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт корҳои самарабахш бурда истодааст. Дар доираи барномаҳо ва нақшаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, инчунин барномаҳои мушаххас таҳия карда шуданд, ки дар бахшҳои дигари рисола муфассал баррасӣ карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм таҳти унвони «**Ҷиноятҳо дар заминаи дин ҳамчун зуҳуроти шадиди тундгароӣ: субъектҳо ва шаклҳо**» масъалаҳои тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротӣ ва тундагроии динӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷанги беохири иттилоотии тундгароёни дини мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ на танҳо

имкониятҳои навро барои пешрафти инсоният боз кард, балки як силсила таҳдидҳои сифатан нави глобалӣ, аз ҷумла, осебпазирии ҷомеаи ҷаҳониро дар баробари тааррузи ҷинояткорона дар соҳаи амният ба вуҷуд овардааст.

Диссертант дар иртибот ба ин таҳкид кардааст, ки сарфи назар аз он ки пешгирӣ ва мубориза бар зидди тундгароӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, лекин дар муддати беш аз 30 соли охир ҷиноятҳоии зиёде дар заминаи дин ҳамчун зуҳуроти шадиди тундгароӣ сурат гирифтанд.

Дар асоси иттилооти пешниҳодкардаи сохторҳои қудратӣ қисмати аъзами шаҳрвандони Тоҷикистон ба ҷараёнҳои тундгаро ва террористӣ ҳангоми таҳсил дар мактабҳои таълимоти динии  Сурия, Ироқ, Украина ва ғайра шомил шудаанд. Масалан:  «Дар давраи аз соли 2020 то соли 2023 дар кишвар 680 ҳолати ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифтани 5000 нафар таълимгиранда ошкор карда шудааст. Танҳо соли 2023-юм 300 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор ва ҷалби беш аз 4100 нафар пешгирӣ карда шудааст, ки аз вусъати раванди мағзшуйии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дарак медиҳад. Дар ин давра аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 520 нафар ходимони дин барои чунин қонуншиканиҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Ин дар ҳолест, ки дар 10 соли охир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 1320 ҷинояти монеъ шудани волидайн ба гирифтани таҳсилоти миёнаи асосии фарзандон ошкор гардидааст»  Шиддати шомилшавии ҷавонони мамлакатамон ба гурӯҳҳо ва созмону ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ дар солҳои 2023 - 2024 нисбат ба солҳои 2014 – 2015 – 2018 – 2019– 2020–2021 –2022 паст шудааст, ки ин худ натиҷаи муборизаи дастаҷамъонаи сохтору ниҳодҳои марбутаи кишвар, хусусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Аслан шаҳрвандони мо дар натиҷаи ташвиқоти ҳамаҷонибаи ҷараёнҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва террористӣ аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва хосатан ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани шаҳрвандони тоҷик дар хориҷи кишвар онҳо ба ин ҷараёнҳо дохил мешаванд ва муборизаи фаъол мебаранд.

Новобаста аз он ки дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» дар муддати соли 2023-юм беш аз сесаду бисту ҳашт нафар ва дар ду моҳои аввали  соли 2024 яксаду чил нафар шаҳрвандони тоҷик, ки бо роҳои фиреб ба гуруҳҳои мухталифи тундгароӣ шомил шуда буданд, вориди кишвар шуданд. Дар маҷмӯъ якҳазору шашсаду чил шаҳрвандони мо дубора ба ҷойҳои истиқоматии худ баргардонда шудаанд. Лекин ҳастанд, шахсоне ки намехоҳанд аз ин имконот истифода баранд, аз ин рӯ ҳоло 4075 нафари онҳо барои содир кардани амалҳои ғайри қонуни дар кофтуковӣ сохторҳои қудрати қарор доранд.

Ба қавли диссертант таҳлили мушкилоти фазои иттилоотӣ дар кишвар ва Осиёи Маркази ва истифодаи ҳамаҷонибаи тундгароён ва ифротгароён аз дастовардҳои технологияи муосир бо сароҳат нишон медиҳад, ки ин раванд паёмади манфӣ дошта, таҳдиди он ба амнияти миллии кишварҳои минтақа аз

он иборат аст, ки онҳо қабл аз ҳама, ба қишрҳои осебпазири аҳолӣ, ки рӯҳияи эътирозгарона доранд, равона хоҳад шуд.

Диссертант ба хулосае омадааст, ки таҳлили рӯйдодҳои ахир дар Фаластин, Ироқ, Лубнон ва махсусан Сурия нишон медиҳад,ки афзалияти манбаъҳои хабарӣ ва иттилооти хориҷӣ нисбат ба манбаъҳои миллӣ метавонад ба натиҷаҳо ва оқибатҳои номатлуб оварад. Ин афзалият ба афзоиши тундгароӣ ва ифротгароӣ дар ҷомеа ва тақвияти фаъолияти пинҳонии гурӯҳҳои террористӣ мусоидат хоҳад намуд.

Пурзур шудани пояҳои технологии итилоот нақши васоити ахбори омма ба маротиб боло рафта, он метавонад василаи муҳими «шустушӯи мағз»-ҳои аҳли ҷомеа гардад ва ҷаҳонбинию амалҳои шахсони таҳти таҷриба қарор доштаи худро ба кулӣ тағйир диҳад. Омӯзиши шабакаҳои иҷтимоӣ аз қабили «Фейсбук», «Телеграм», «Одноклассники» ва ғайраҳо нишон медиҳад, ки дар онҳо саҳифаҳое фаъол мебошанд, ки ба ҳаракатҳои «ДИИШ», «Салафиҳо», «Ҳизб – ут – таҳрир» «Таҳрир–аш– Шом» ва садҳо гуруҳҳо ва равияҳои дигар бахшида шудаанд.

Мухлисони мазкур шабакаҳои ашхосе мебошанд, ки дорои ақида ва ҷаҳонбинии тундгарорёна буда, ба ду гуруҳҳи фаъол тақисм мешаванд:
**А)** Ба ин гурӯҳ хатмкардаҳои мактаб ва донишгоҳои динӣ дар кишварҳои хориҷ мебошанд; **Б)** Ба ин гурӯҳи пайравони ҷунбишҳои тундгаро ва ифротгароӣ ғайриқонунии динӣ шомил гардида, онҳо мақом ва манзалати динӣ ислом ва ғояҳои ахлоқӣ ва башардустонаи онро ба мақсади дастёб шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии худ ҳамаҷониба истифода мебаранд.

Ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ тундгароён на танҳо ғояҳои ба худро ошкоро таблиғ мекунанд, балки сабтҳои видеоиеро паҳн мекунанд, ки дар онҳо куштори оммавии одамон, қатли «кофарон» ҷой дода мешаванд

Шабакаҳои иҷтимоӣ дар масъалаи ҷалби одамон ба ташкилотҳои тундгароёна аз сомонаҳои оддӣ ва маводи чопӣ хеле пеш рафтаанд, зеро одамон нисбат ба рӯзномаҳо, радио ва телевизион бештар ба навори иттилоотии шабакаҳо бовари доранд. Тундгароёни динӣ дар навбати худ хеле моҳирона аз ин истифода мебаранд. Диссертант пешниҳод сохтааст, ки ҳоло воситаи ягонаи мубориза бо тундгароии исломӣ дар фазои Интернет бастан ё масдуд кардани шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои онҳо ва бурдани фаъолияти зиддитаблиғотӣ дар худи шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар робита ба ин зарурати таъсис додани гурӯҳҳои зиддитундгароӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба миён омадааст ва ҷомеаи нави Интернет бояд мавзуҳои иттилоотӣ - сиёсии зиддитундгароӣ ташаккул диҳад. Болотар аз ин дар кутоҳтарин замон бояд мутахассисонеро омода кард, ки қобилият ва воситаҳои муоширaт дар муҳити мусулмониро дошта бошанд.

Таҳлилҳои болои диссертантро ба хулосаҳои зерин водор месозад: **1)** дар замони муосир ҳифзи иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар кишвар яке аз омилҳои асосии пешрафт ва рушди ҷомеа ва давлат ба шумор меравад; **2)** кибертерроризм ва мубориза ба муқобили он яке аз самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ буда, сароҳатан тақозо менамояд, ки на

танҳо давлатҳои Осиёи Марказӣ, балки тамоми аъзоёни ИДМ дар он саҳми арзанда гузошта, дастаҷаъмона мубориза баранд; **3)** таҳррезӣ ва амалӣ сохтани нақшаи умумии иттилоотӣ ба хотири ташаккули ҷаҳонбинии муассири илмӣ ва дунявӣ дар минтақаи Осиёи Миёна; **4)** омӯзиши таҳдиду хатарҳои нави амнияти итилоотӣ ба мақсади пешгирии тундгароии динӣ ба он хоҳад оварда расонд, ки «мубодилаи таҷриба байни журналистон имконият медиҳад, ки саъю талоши муштарак барои коҳиши сатҳи тундгароӣ дар байни ҷавонон ва паҳншавии ҷараёнҳои ифротӣ ҳамоҳанг шавад.

Зербоби сеюми боби дуюм «**Сиёсатӣ давлатӣ дар самти рафъи тундгароӣ: тадбирҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ**» номгузорӣ шуда, ба омӯзиши роҳҳои пешгири тундгароии динӣ ва муқовимат намудан бо таъсири манфии ин падидаи номатлуб тавассути қонуну консепсияҳо ва лоҳияҳои махсус бахшида шудааст.

Дар раванди муосири ҷаҳоншавӣ, ки тундгароии динӣ хусусияти глобалӣ гирифтааст, бояд муқовимат ва мубориза бо он дар доираи талаботҳои нави сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ ба роҳ монда шавад. Бо назардошти ин дар Тоҷикистон як силсила тадбирҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ андешида шудаанд, бо тундгароӣ буда, дар ҳамкории зич бо созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва дигар ташкилотҳо амалӣ мегардад. Тоҷикистон ҳамчун аъзои фаъоли як силсила ташкилотҳоии минтақавӣ аз қабили Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷаъмӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайра дар роҳи мубориза ба муқобили тундгароӣ саҳми босазо дорад. Хосатан Созмони ҳамкории шанхай дар мубориза бо тундгароӣ, ифротгароӣ, инчунин дигар таҳдидҳо дар Осиеи Марказӣ ва берун аз он ҷойгоҳи муҳим дорад.

Барои таъмини самаранокии механизмҳои муқовимат бо тундгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии муқовимат гузошта шуда асосҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии муқовимат бо тундгароии диниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асноду ҳуҷҷатҳои зерин ташкил додаанд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»; Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 тасдиқ карда шудааст; Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №187 тасдиқ карда шудааст; Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 март соли 2006, №1717 тасдиқ карда шудааст; Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ барои солҳои 2021-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, №265 тасдиқ карда шудааст; Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003; Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»; Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим»; Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»; Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин.

Диссертант таъкид сохтааст, ки дар кишвар инчунин стратегияҳо ва консепсияҳое таҳия карда шуданд, ки ба мубориза бо ифротгароии динӣ равона карда шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо принсипҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои умумӣ, инчунин самтҳои фаъолиятро оид ба муқовимат ба экстремизми динӣ муайян мекунанд. Дар санадҳои меъерии ҳуқуқӣ, ки дар доираи ин стратегияҳо ва консепсияҳо қабул шудаанд, субъектҳо, принсипҳо ва самтҳои фаъолият оид ба муқовимат ба экстремизми динӣ муайян карда шудаанд. Инчунин дар онҳо самтҳои асосии сиесати давлатӣ дар ин соҳа, тадбирҳо оид ба такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизми динӣ тасвир шудаанд.

Самтҳои афзалиятноки муқовимат бо тундгароии динӣ тибқи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025» инҳо мебошанд: а) баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахс; б) бартараф намудани омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ифротгароӣ ва тундгароие, ки ба содир намудани кирдорҳои террористӣ оварда мерасонад; в) таҳияи консепсияии «Андешаи миллӣ» ва дар ин самт ҷонок кардани амалҳо мафкуравӣ ва ҷаҳонбинӣ; г) пешгирии тундгароӣ ва ташаккули фарҳанги таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ; д) аз тариқи сомонаҳоии иҷтимоӣ муқовимати ҳамаҷониба дар муқобили зуҳуроти номатлуби тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм дар ин самт; ё) андешидани чораҳоии зарурӣ дар масъалаҳои ба низоми қонунӣ даровардани таъқиб ва ҷавобгарӣ барои амалҳои тундагроӣ, ифротгароӣ ва террористӣ; ж) иштироки ҳамаҷонибаи ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ва бахши хусусии иқтисодиёт дар роҳи мубориза ба муқобили ин зуҳуроти номатлуб ва ғайра.

## ХУЛОСА

Тундгароии динӣ таҳти номи гуногун ва дар шакли мухталиф дар ҷомеа инсонӣ аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст. Дар замони мо, ба сабаби ин ки дар инсоният тарс дар баробари қонун аз байн рафтааст, тундгароёни динӣ ба назорати одамон бо ҳар гуна усули ҳаросафканӣ даст мезананд. Дар марҳалаи имрӯза афзоиши тундгароии динӣ дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ба амал омада истодааст. Аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ барои баъзе кишварҳои олам сабаби бесуботии ҷомеа ба шумор меравад [М-1].

Аммо ҷаҳони ислом дар раванди ҷаҳонишавӣ таҳдидҳоро дар симои Ғарб мебинад, ки арзишҳои худро таҳмил мекунад. Бинобар ин, ҷаҳонишавӣ то андозае тундгароёии диниро низ таҳрик кардааст. Зимни баррасии

фаъолнокии марказҳои исломии ифротӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки онҳо қасд доранд ҷомеа ва давлатро бо якдигар барангезанд [М-2].

Дар масъалаи тундгароӣ динӣ ҳаминро метавон гуфт, ки вай аслан яке аз шохаҳои ҷунбиши ифротгароӣ ва экстремизми байналмилаӣ ба шумор рафта, дар муқобили ҷаҳонбини ва идеологии секулярӣ ва дунявӣ қарор дорад. Пайравони ин ҷунбиш худро муҳофизони рукнҳои асосии дини ислом ва урфу одатҳои он ба қалам дода, бо истифода аз усули террор бар зидди дунявият мубориза менамоянд ва худро ҷиҳодиёни роҳи Ҳақ мешуморанд [М-5].

Дар солҳоии навадуми садаи гузашта, пас аз шикасти қудрати Шуравӣ, дар саросари ҷумҳуриҳои собиқ Осиёи Миёна ҷараёни «ваҳҳобия» ба ҷомеа ва майдони сиёсии ин ҷумҳуриҳо ворид гашта, ҳамчун муродифи ифротгароӣ амал мекард, ки онро метавон ҳамчун сарчашмаи муқобилият нисбат ба тағиротҳоии сиёсӣ ва фарҳангӣ дар минтақа шуморид. Онҳо муборизаи худро ҳамчун ҷавоб ба раванди ҷаҳонишавӣ муаррифӣ намуда, барои пешгирии идеологияи демократияи либералӣ дар минтақа аз ғояҳоии тундгарои динӣ ҳамаҷониба истифода мебурданд [М-6].

Масъалаи густариши тундгароён ва ифротгароёни динӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ бо хислати мураккаби худи дини Ислом алоқаманд аст, ки инро бояд дар мадди назар дошт. Ба андешаи мо дар ҷаҳони муосир дар роҳи мубориза ва муқовимат бо тундгароии динӣ, хусусан дар масъалаи ошкор сохтани ҳадафҳои аслӣ ва воқеии тундгарои динӣ, ки онҳо хусусияти геосиёси, геоиқтисодӣ ва геостратегӣ дошта, аз моҳияти накшаҳои таҳрезишудаи абарқудратон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва тақсимоти навини он сар мезанад, таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир карда намешавад [М-7].

Ҷузъи муҳимми мубориза бо ифротгарои ва тундгароӣ тарҳрезии сиёсати давлатӣ доир ба муқобила бо ин падидаи манфӣ бо роҳи ошкор намудани сабабҳо ва падидаҳои офарандаи ифротгароҳо ва тундгароҳо мебошад. Хеле муҳим аст, ки аҳли ҷомеа муштаракан амал карда, неруҳои худро барои мубориза бо тундгароҳо ҳамоҳанг созанд [М-8].

Фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, яке аз усулҳои бунёдӣ дар самти ҳамкориҳоӣ иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба шумор рафта, дорои имконоти васеъ ба хотири мустаҳкам намудани появу бунёди ҳамзистии осоишта ва таҳаммулпазирӣ, инчунин пуштибони аз анъанаҳоии миллӣ ва эътиқодоти динӣ мебошад. Тундгароии динӣ барои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои соҳаи маънавии он таҳдиди ҷиддӣ мекунад. Ин омил аз мо тақвияти маданияти сиёсии шаҳрвандон чун монеаи қавӣ дар роҳи густариши ғояҳои тундгароӣ дар ҷомеа, қабл аз ҳама, дар байни ҷавонони кишварро тақозо менамояд [М-10; М-11].

## ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Дар муқовимат бар идеологияи тундгароии динӣ бояд кулли қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистон, хусусан аҳли зиё сафарбар карда шаванд;

2. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ барномаҳои махсус бояд ҷорӣ карда шаванд, ки дар он арзишҳои миллӣ тарғиб мегарданд;

3. Дар васоити ахбори оммаи Тоҷикистон масъалаи таҳкими ҳувияти миллӣ бештар арзёбӣ гардад;

4. Барномаҳои мушаххас ва мақсадноки мубориза дар муқобили ифротгароӣ ва пешгири роҳои он барои насли наврас таҳия ва тасдиқ карда шаванд;

5. Таҳия ва коркарди воситаҳои гузаронидани шаклҳои мухталифи таҳқиқотҳои сотсиологӣ ба мақсадӣ омӯзиши мушкилиҳои иҷтимоӣ ва баланд, некӯаҳволии насли наврас;

6. Дар маҳалҳо ташаккул додани сохтори кори тарбиявӣ бо ҷавонон тавассути бунёди платформаҳои муташаккил ҷиҳати рушд ва инчунин фароғати ҷавонон;

7. Ташкили дастаи мураббиён бо истифода аз таълим ва роҳҳои инноватсионии пешгирии ифротгароӣ дар муҳити ҷавонон.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ

### I . Монография

[1-М]. Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон) монография[Матн]/ Ҳ.Ҳ.Хоҷаев. – Душанбе: “Дониш”, 2022 206 с.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[2-М]. Ходжаев, Х.Х. Геополитическая ситуация в регионе и её влияние на национальную безопасность Республики Таджикистан [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова АН РТ. – 2017. – №3. – С.103-106.

[3-М]. Ходжаев, Х.Х. Новые угрозы безопасности в Республике Таджикистан: Тенденции и реалии [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Таджикистан и современный мир. – 2017. – №2 (57). – С.62-71.

[4-М]. Ходжаев, Х.Х. Проблема экстремизма в современных обществах государств Центральной Азии [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. – 2017. – №1. – С.82-85.

[5-М]. Ходжаев, Х.Х. Терроризм, экстремизм и безопасность суверенитета Республика Таджикистана [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Правовая защита суверенитета Таджикистана: материалы научно-практической

конференции посвященной 25 летия - XVI сессию Верховного совета РТ (г. Душанбе, 18.10.2017 г.). – Душанбе, 2017. – С.189.193.

[6-М]. Ходжаев, Х.Х. Трансформация политической культуры: теоретическая модель и практическая значимость [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Таджикистан и современный мир. – 2015. – №3 (46). – С.27-36.

[7-М]. Хоҷаев, Ҳ.Ҳ. Шаклҳои тундгароӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Осиё ва Аврупо. – 2024. – №2 (18). – С.80-85.

[8-М]. Ҳайдаров, Р.Ҷ. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров, Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ. – 2018. – №2. – С.90-93.

[9-М]. Хоҷаев, Ҳ.Ҳ. Кониститутсия ва ташаккулу рушди миллӣ [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Нақши Кониститутсия дар ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфренсияи илмӣ-назариявӣ / зери таҳрири умумии д.и.ф. Р.Ҷ. Ҳайдарзода. – Душанбе, 2024. – С.37-39.

### III. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо

[10-М]. Хоҷаев, Ҳ.Ҳ. Хусусиятҳои муқовимат бо тундгароии динӣ дар шароити имрӯза [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Мафкурасозии сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе, 30 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. –С.120-132.

[11-М]. Ходжаев Х.Х. Борьба международных и региональных организаций против терроризма и экстремизма [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Пути предотвращения экстремизма и терроризма в современных условиях: материалы республиканской научно-теоретической конференции (г. Душанбе, 9 октября 2024 г.). –Душанбе, 2024. – С.216-219.

**Национальная академия наук Таджикистана**
**Институт философии, политологии и права**
**имени А. Баховаддинова**

ТДУ 29+327
ТКБ 86+87 (2 тоҷик)
Х - 79

На правах рукописи

**ХОДЖАЕВ ХИКМАТУЛЛО ХИММАТОВИЧ**

# РЕЛИГИОЗНЫЙ РАДИКАЛИЗМ И ЕГО РАСПРОСТРАНЕНИЕ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ОБЩЕСТВА (ОПЫТ ТАДЖИКИСТАНА)

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание научной степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии**

**Душанбе – 2025**

Диссертация подготовлена в отделе политологии Института философии, политологии и права им. Баховаддинова НАНТ.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Хайдарзода Рустам Джура –** доктор философских наук, Директори Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ |
| **Официальные оппоненты:** | Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон – доктор политических наук, профессор кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан факультета международных отношений Национального университета Таджикистана.<br>Назиров Назир Давлатхаджаевич – кандидат политических наук, доцент, заведующий отделом гуманитарных наук, социологии, пересмотра и совершенствования стандартов, учебных программ и учебников Института развития образования имени Абдуррахмана Джамии Академии образования Таджикистана. |
| **Ведущая организация:** | Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. |

Защита диссертации состоится «18» апреля 2025 года, в «10-00» часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-079 при Институте философии, политологии и права им. Баховаддинова НАНТ (734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 33).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33) и на официальном сайте Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова НАНТ (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан «____» ______________ 2025 года.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат политических наук** **Сангинов Н.Н.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В условиях стремительной глобализации, переформатировании политической карты мира и интенсивного развития современных технологий, XXI век столкнулся с одной из наиболее сложных и угрожающих проблем, охватывающих человеческое общество, – религиозным радикализмом. Изучение и анализ механизмов снижения влияния данного феномена и его деструктивной роли приобрели ключевое значение как в рамках международной политики, так и в контексте межгосударственных отношений. Религиозный радикализм представляет собой серьезную угрозу для глобальной культуры, человеческой цивилизации и общечеловеческих ценностей, оставаясь дестабилизирующим фактором мира, безопасности и устойчивого развития светского секулярного общества. Данный феномен проявляется посредством социально-деструктивных действий, представляющих угрозу безопасности государства, нарушающих общественный порядок и препятствующих устойчивому развитию.

Идеология религиозного радикализм, разрушающая традиционные социальные структуры, ценности и институты, сопряжена с актами насилия, терроризма и психологического воздействия на индивидов и целые сообщества, которые как правило являются основными способами реализации идеологической программы для радикалов. Это ведет к искажению мировоззрения, деградации общественного сознания и формированию радикальных группировок, способных дестабилизировать общественный порядок. Прикрываясь религиозными целями, радикальные и террористические организации используют религию как инструмент для достижения своих политических и идеологических целей.

В условиях стремительного развития техногенного общества и процесса глобализации религиозный радикализм, как одно из проявлений политического ислама, представляет собой одну из наиболее значимых и неотложных проблем, требующих решения на уровне отдельных государств и мирового сообщества. Масштабы и географическая распространённость террористических актов последних лет указывают на трансформацию характера, форм и содержания деятельности радикальных и террористических группировок, которые приобрели глобальный характер.

В этой связи перед исследователями и экспертами в области политологии встаёт задача глубокого и систематического анализа сущности и структуры современных форм религиозного радикализма. Необходимо разработать эффективные стратегии и методы противодействия, а также механизмы предотвращения и минимизации его влияния на общество. С учетом изложенного, особое внимание следует уделить изучению следующих факторов:

Во-первых, необходимо с междисциплинарных позиций, включая политологию определить характер, масштабы и возрастающее значение

религиозного экстремизма, тесно связанного с социальным насилием. В ряде регионов мира отдельные социальные группы, особенно молодёжь, испытывающая эмоциональную неустойчивость и стремление к социальной справедливости, становятся объектами воздействия идеологии религиозных радикалов. Их уязвимость обусловлена неопытностью и подверженностью манипуляциям, что способствует распространению радикальных убеждений. Интенсивный рост религиозного радикализма на региональном и глобальном уровнях превращает данное явление в одну из наиболее острых проблем современности.

Во-вторых, религиозный радикализм приобрёл такие масштабы, что в общественном дискурсе он часто ассоциируется исключительно с понятием радикализма в целом, включая его отдельные проявления. Независимо от социального статуса, всё больше людей, особенно представителей молодого поколения, становится приверженцами радикальных идей. Этот процесс приобретает устойчивую динамику, что вызывает серьёзные опасения в контексте социальной стабильности опыт.

В-третьих, необходимо учитывать, что разнообразие форм радикализма, их структура и механизмы функционирования обусловлены высокой степенью скрытности и изменчивости, что требует комплексного изучения явления с учётом его сущности и специфики. В связи с этим анализ религиозного радикализма должен проводиться в рамках междисциплинарного подхода, интегрирующего политологию, право, международные отношения, психологию, религиоведение и философию, что позволит выработать эффективные методы профилактики и противодействия.

Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно в своих выступлениях, подчеркивал важность противодействия радикализму и терроризму: «Помимо вооруженной борьбы с терроризмом особое внимание следует уделять решению социальных и экономических вопросов, которые в ряде случаев могут быть первопричинами экстремизма. Применительно к нашему региону следует отметить, что действия экстремистских и радикальных группировок представляют серьезную угрозу и для стран Центральной Азии». [1]

Эмомали Рахмон справедливо отмечает, что для эффективного противодействия религиозному радикализму требуется всестороннее изучение его исторических, идеологических, социальных и культурных основ. Необходимо детально исследовать процессы возникновения и распространения данного явления, а также реализовывать на государственном уровне профилактические меры, учитывающие как

[1] Суханронӣ дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/20169 (санаи истифодабарӣ: 12.08.2019).

национальное, так и региональное и глобальное значение проблемы. Именно эти аспекты обосновывают актуальность темы данной диссертации.

Следует подчеркнуть, что радикализация, обусловленная определёнными политическими тенденциями и особенностями, способна изменить роль и статус религиозно-политических течений в обществе, а также мировоззрение их последователей, особенно среди молодёжи и в образовательной среде. Эти изменения оказывают значительное влияние как на трансформационные процессы в современном обществе, так и на обеспечение его безопасности.

Особую обеспокоенность вызывает положение молодёжи Таджикистана, являющейся наиболее уязвимой частью общества. Молодые люди в большей степени подвержены воздействию радикальных идей, что делает их мишенью для манипуляций со стороны радикальных религиозных группировок. Это, в свою очередь, может привести к действиям, противоречащим национальным интересам и подрывающим политическую стабильность страны. В связи с этим исследование различных аспектов проявления религиозного радикализма, анализ причин его возникновения и разработка эффективных методов противодействия являются острой и неотложной необходимостью.

